**Маълумот доир ба дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2010 таҳти № 320 маъқул дониста шудааст**

Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2012-2013 тибқи талаботи моддаҳои 3 ва 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009 таҳти № 134-ф таҳия карда шудааст.

Ҳангоми таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ Консепсия ва самтҳои асосии фаъолияти баъдибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарраротҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012, инчунин барномаҳои соҳавию минтақавӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2009 қабул гардидаанд ва дар ин замина таъмини рушди устувори иқтисодиёт бо истифодаи самарабахшии захираю имкониятҳои мавҷуда дар назар гирифта шудааст.

Аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ муайян шудааст, ки дар сурати иҷрои ҳаҷмҳои истеҳсолии дар соли 2011 пешбинигардидаи соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, гардиши моли чакана ва хизматрасонии пулакӣ, сармояи хориҷӣ - соҳаҳое, ки ҳиссаи онҳо бештар аз 80 фисади маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, **ҳаҷми мутлақи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли оянда метавонад 30180 млн. сомониро** ташкил намояд. Дар ин маврид суръати афзоиши воқеии ММД 106,5 фоизро ташкил медиҳад ва индекс-дефлятори ММД ба 112,0 фоиз баробар мешавад.

Сатҳи таваррум дар дурнамои соли 2011 бо назардошти ҳолати баландшавии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ дар ҳаҷми 9,0 фоиз муайян шудааст.

Қурби асъори миллӣ нисбати 1 доллари ИМА – 4,8000 сомонӣ ба ҳисоб гирифта шудааст.

**Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ** бо назардошти рушди тамоми соҳаҳо, дар дурнамои соли 2011 **ба маблағи 7876,0 млн. сомонӣ ё бо суръати афзоиши воқеии 103,9 фоиз муайян гардид.**

Ба таъмин гардидани рушди реалии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ асосан электроэнергетика 109,0 фоиз, сӯзишворӣ 110,8 фоиз, металлургияи ранга 107,4 фоиз, саноати сабук 104,8 фоиз, саноати сохтмон 106,3 фоиз, хурокворӣ 105,8 фоиз асос мегузоранд.

**Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ** дар ин давра дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ бо нархҳои амалӣ 9458,0 млн. сомонӣ бо суръати афзоиши реалӣ 102,3 фоиз дар назар аст.

Дар дурнамои соли 2011 **ҳаҷми умумии маблағгузории асосӣ бо назардошти инвеститсияҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ** дар ҳаҷми 4120,0 млн. сомонӣ (105,6 фоиз) аз он ҷумла маблағҳои буҷетӣ 1600,0 млн. сомонӣ (114,3 фоиз) пешбинӣ шудааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда, 1,0 млрд. сомонӣ ба сохтмони иншооти НОБ-и «Роғун», иншоотҳои соҳаҳои афзалиятдошта (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) 42,1 млн. сомонӣ, маблағҳо барои корҳои таъмиру барқароркунӣ 32,0 млн. сомонӣ ва ба дигар сохтмони иншоотҳо равона карда мешаванд.

Дар дурнамои соли 2011 ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба маблағи 530,2 млн. долл. ИМА, аз он ҷумла мустақим 270,4 млн. доллари ИМА дар назар дошта шудааст.

**Гардиши савдои чакана.** Яке аз нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки таъминоти бозори истеъмолӣ ва сатҳи зиндагии аҳолиро муайян мекунад ин рушди гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ ба шумор меравад.

Дар назар аст, ки **ҳаҷми гардиши моли чакана** дар ҳамаи манбаъҳои фурӯш дар дурнамои соли 2011 дар ҷумҳурӣ 7450,0 млн. сомонӣ бо суръати афзоиши реалии 110,9 фоиз ташкил хоҳад дод.

**Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ** дар ҷумҳурӣ дар дурнамои соли 2011 бо назардошти афзоиши нарху тарифҳо 6870,0 млн. сомонӣ бо суръати афзоиши реалии 111,0 фоиз дар назар аст.

Дурнамои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ нишон медиҳад, ки **ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ** дар соли 2011 ба маблағи 3494,0 млн. доллари ИМА, ки нисбати баҳодиҳии соли 2010 - 106,8 фоизро ташкил хоҳад дод.

Ҳаҷми содирот дар дурнамои соли 2011 – 1010,0 млн. доллари ИМА бо афзоиш нисбат ба баҳодиҳии соли 2010 – 107,6 фоиз, ҳаҷми воридот дар ҳамин давра 2484,0 млн. доллари ИМА бо афзоиш нисбати баҳодиҳии соли 2010 – 106,5 фоиз дар назар гирифта шудааст.